ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.12.2022, №22

Барои сазовор донистани Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 20-уми октябри соли 2022, суратмаҷлиси № 16 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна 5-уми сентябри соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 2006-2018 ба ҳайси ассистент, омӯзгор баъдан саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик ва рӯзноманигории донишгоҳи мазкур фаъолият намудааст.

Соли 2008 ба шуъбаи ғоибонаи аспирантураи донишгоҳи мазкур дохил шуда, соли 2011 таҳсили худро аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти мамолики хориҷӣ (Адабиёти тоҷик) ба анҷом расонида, аз ҳамон айём ба пажӯҳиши илмӣ машғул гардидааст.

Аз соли 2018 то ба ҳол ба ҳайси саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусрав фаъолият дошта, ҳамзамон ба сифати муовини декани факултети филологияи тоҷик оид ба илм ва инноватсия адои вазифа менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Тағаймуродов Рустам Ҳакимович.

Муқарризони расмӣ – Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич, доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович,

номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология, доктори илми филология, профессор Солеҳов Ш. А., доктори илми филология, профессори кафедраи мазкур Элбоев В.Ҷ., котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, дотсент Шоев А. ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода А.И. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Маҳмадалиева, М. Панду андарз дар рубоиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – Қӯрғонтеппа, 2017. – №1/3 (47). – С.27-33.

[2-М]. Маҳмадалиева, М. Орои ирфонӣ дар рубоиёти Бобо Афзал / М. Маҳмадалиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – Қӯрғонтеппа, 2017. – №1/4 (49). – С.3-10.

[3-М]. Маҳмадалиева, М. Таҷаллии ишқи ирфонӣ дар рубоиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. – №2. – С.217-223.

[4-М]. Маҳмадалиева, М. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба рубоиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2018. – №2 (55). – С. 102-107.

[5-М]. Махмадалиева, М. Афзалуддини Кошонӣ – поэт, мыслитель и сочинитель рубаи / М. Маҳмадалиева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 183-187.

[6-М]. Маҳмадалиева, М. Мухтассоти жанрии рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. – №1/1 (83). – С.27-31.

[7-М]. Тағаймуродов, Р., Маҳмадалиева М. Бобо Афзали Кошонӣ ва вазъи илмию адабии замон ва зодгоҳи ӯ / Р. Тағаймуродов, М. Маҳмадалиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. – №1/2 (86). – С.5-10.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[8-М]. Махмадалиева, М. Рубоӣ ва мавқеи он дар эҷодиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй…(Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ). – Қӯрғонтеппа, 2008. – С.102-107.

[9-М]. Маҳмадалиева, М. Назари мухтасаре ба осори Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ бахшида ба Рӯзи илм, Соли маориф ва фарҳанги техникӣ. – Қӯрғонтеппа, 2010. – С.111-115.

[10-М]. Маҳмадалиева, М. Худшиносии инсон аз дидгоҳи Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди маориф дар давраи Истиқлолияти давлатӣ». – Қӯрғонтеппа, 2010. – С.83-86.

[11-М]. Маҳмадалиева, М. Таъсирпазирии Афзалуддини Кошонӣ аз Хайём дар эҷоди рубоӣ / М. Маҳмадалиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон дар мавзуи «Проблемы и перспективы развития теории и практики СМИ в Таджикистане». – Душанбе, 2017. – С.78-82.

[12-М]. Маҳмадалиева, М. Андешаҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ дар рубоиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Суфраи сухан (Маводи конференсияи назариявӣ ва илмӣ-методии умумидонишгоҳии ДДБ ба номи Носири Хусрав бахшида ба 140-солагии Садриддини Айнӣ). – Бохтар, 2018. – С.120-128.

[13-М]. Маҳмадалиева, М. Сувари хаёл дар рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ «Занон дар рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм. – Бохтар: Матбаа, 2019. – С. 91-95.

[14-М]. Маҳмадалиева, М. Корбурди санъати талмех дар рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Матлаи нур (маҷмуаи мақолаҳои илмии устодон ва магистрантони факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав). – Бохтар: Матбаа, 2019. – С. 115-121.

[15-М]. Маҳмадалиева, М. Шеваи нигориш ва баъзе хусусиятҳои забонии осори мансури Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Матлаи нур (маҷмуаи мақолаҳои илмии устодон ва магистрантони факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав). – Бохтар: Матбаа, 2019. – С. 260-265.

[16-М]. Маҳмадалиева, М. Андешаҳои илмиву фалсафии Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Нақди ҷавонӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмии устодон ва магистрантони факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав). – Бохтар: Матбаа, 2019. – С. 21-28.

[17-М]. Маҳмадалиева, М. Васфи некиву накукорӣ дар рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева //«Мактаб» (маҷаллаи таълимию маърифатӣ ва иттилоотӣ). – Душанбе: Фархунда М., 2020. – №2. – С. 12-14.

[18-М]. Маҳмадалиева, М. Бозтоби назарияи вахдати вуҷуд дар рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Гавҳари умед (Маҷмуаи мақолаҳои илмии устодон ва магистрантони факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав). – Бохтар: Матбаа, 2021. – С. 11-17.

[19-М]. Маҳмадалиева, М. Таҷассуми ахлоқ ва фарҳанги миллӣ дар рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Нақди муҳаққар (Маҷмуаи мақолаҳои илмю назариявии устодон ва магистрантҳои факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав). – Бохтар: Матбаа, 2021. – С. 35-38.

[20-М]. Маҳмадалиева, М. Санъати сиёқулаъдод (шумур) дар рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Маводи конференсияи илмӣ таҳти унвони «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-уми феврал, 2021).– Кӯлоб, 2021. – С. 54-57.

[21-М]. Маҳмадалиева, М. Ғазалиёти Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм таҳти унвони «Занон ва рушди илми муосир» (9-уми феврал, 2022). – Бохтар, Матбаа, 2022. – С. 146-150.

[22-М]. Маҳмадалиева, М. Нақду баррасии қиёсии рубоиёти машкуки Бобо Афзали Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Маводи конференсияи байналмилалии «Мероси хаттии Осиёи Марказӣ: масъалаҳои матншиносӣ, тарҷума ва нақди мутуни адабӣ» (Хуҷанд, 31 майи соли 2022). – Хуҷанд, 2022. – С. 95-103.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи Садрӣ Саъдиев – доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифта шудааст: 1) Хуб мешуд, ки дар бораи андешаву орои ирфонии Бобо Афзал ба таври муфассал ва бо қиёс бо мутасаввифини дигар таҳлилу баррасӣ мешуд; 2) Дар фишурда ғалатҳои имлоию техникӣ низ роҳ ёфтаанд. Аксари калимаву таъбирҳо дар ду шакл навишта шудаанд. Масалан, вожаҳои Тӯс ва сӯфӣ дар саҳифаҳои 4, 5, 7, 13, 15, 16... ва дар шакли Тус ва суфӣ навишта шудааст, ки агар якгуна оварда мешуд, хуб буд.

2. Тақризи номзади илми филология, омӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» Қурбоной Пирхонова низ мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд: 1) Хуб мешуд, диссертант баъзе истилоҳоти ирфонӣ, монанди «ишқ»-ро, ки дар авторефарат ба сурати густарда аз диди Бобо Афзал мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст, бо орои орифони мутақаддим муқоиса менамуд (саҳ. 20); 2) Дар матни фишурда, дар ду шакл овардани калимаҳои форсии тоҷикӣ ва форс-тоҷик (саҳ 3), рӯх (19) ва рух (19) ба назар расиданд; 3) Дар автореферат бархе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд (саҳифаи 1, (аслан) ва ғайра.

3. Дар тақризи номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст: 1) Дар библиография баъзан дар тарзи тарҷимаи адабиёт аз дигар забонҳо номувофиқатиҳо ҷой доранд; 2) Дар баъзе саҳифаҳо иқтибосҳо хеле зиёд ба назар мерасанд, ки бояд дар шакли умумигӯй оварда шаванд; 3) Дар рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд.

4. Тақризи доктори илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Нодира Ашурова дар маҷмуъ мусбат буда, дар он ду эрод зикр шудааст: 1). Беҳтар мебуд, агар унвонҷӯ дар фишурдаи диссертатсия иҷмолан мулоҳизаҳои худро дар бораи баъзе аз рубоиёти шоир, ки аз матни маҷмуаи рубоиёти ӯ берун мондаанд (саҳ 18), дар заминаи маводи таҳлилкардааш иброз медошт; 2). Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Чунончи, муҳаққиқ номи файласуфону орифонеро, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии шоир таъсир гузоштаанд, бо андаке ғалат ва фишурда овардааст: ба ҷои номи донишманд Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Арабӣ номи эшон Ибни Арабӣ ва ба ҷои Шиҳобиддин Яҳё ибни Ҳабаши Суҳравардӣ номи донишманд Шиҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ омадааст. Ҳамчунин, дар баъзе ҳолат дар дохили як ҷумла ному насаби баъзе олимон

дар шакли пурра ва баъзеашон дар шакли нопурра оварда шудаанд. Ба андешаи мо, унвонҷӯ дар ин маврид меъёри ягонаро интихоб менамуд, мувофиқи матлаб мебуд (сах. 9,14).

5. **Тақризи** доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Нуралӣ Норович ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи мазкур Абдуллоев Ромезҷон Холмуминович мусбат буда, мукарризон дар баробари зикри дастовардҳои назарраси илмии диссертант ду эрод низ қайд намудаанд: 1). Дар фасли савуми боби дувуми диссертатсия муаллиф мундариҷаи рубоиёти Бобо Афзали Кошониро дар чаҳор даста таксим намуда, ҳар якеро дар алоҳида мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, яке аз бахшҳои мазкур рубоиёти ошиқона унвонгузорӣ шудааст, ки дар он мазомини ирфонӣ дар ин навъ сурудахои шоир дар мисоли худи мафҳуми ишқ баррасӣ шудаанд. Ба назари мо, бо сабаби он ки дар сарчашмаҳо Бобо Афзали Кошонӣ бештар ҳамчун шоир ва нависандаи ориф ном бурда мешавад ва худи муаллиф низ дар диссертатсия борҳо ба ин матлаб ишора кардааст, хуб мебуд, ки дар хамин бахш масъалаи таҷассуми афкори ирфонӣ ва корбурди истилоҳоти орифона дар рубоиёти шоир ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор мегирифт; 2). Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори диссертант аст.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- унвонҷӯ Маҳмадалиева Муҳаббат Рахмоновна тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои мавзуӣ ва бадеии рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои рубоиёти шоир, аз ҷумла китоби «Матни комили рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ», ки аз ҷониби Саид Нафисӣ тасҳеҳ ва таҳия гардидааст, «Девони ҳаким Афзалуддин Муҳаммад Маракии Кошонӣ (Бобо Афзал)», китоби «Мусаннифоти Афзалуддин Муҳаммад Маракии Кошонӣ», нусхаҳои хаттӣ ва суратнусхаҳои гуногуни дастнавису чопии ашъори Бобо Афзал, ки дар Тоҷикистон ва берун аз марзи он китобат шуда ё ба нашр расидаанд, сурат гирифта, эҷодиёти адиб дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шудааст.**
- зиндагинома, фаъолияти эҷодӣ, макоми илмию адабӣ ва ирфонии Бобо Афзал **баррасӣ гардида**, мушаххасоти рӯзгор, ҷаҳонбинӣ, осори манзуму мансур ва мазмуну мундариҷаи эҷодиёти ӯ **муайян гардидаанд;**

– теъдод ва мазмуну мундаричаи рисолаҳову мактубот, мухтассот ва дараҷаи корбурди анвои шеърӣ дар фаъолияти эҷодии шоир **коркард ва муайян карда шудаанд**;
– мавқеи аввалиндараҷа доштани рубоӣ дар эҷодиёти Бобо Афзал, рубоиёти машкук ва таҷассум ёфтани андешаҳои ирфонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ӯ дар қолаби рубоӣ **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**;
– хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти Бобо Афзал ва ҷилваҳои ҳунарии ашъори шоир **баррасӣ ва таҳқиқ гардидаанд.**

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, баҳси таърихи адабиёти асрҳои XII-XIII, шинохти вижагиҳо ва ҷанбаҳои ахлоқию маърифатии осори намояндагони адабиёти тасаввуфии асримиёнагӣ, назарияи жанри рубоӣ, суннатҳои адабӣ ва амсоли инҳо мусоидат намуда, ба муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони эҷоди бадеӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии донишмандону коршиносони маъруфи ватанию бурунмарзӣ, аз ҷумла Ҳерман Эте, Е.Э. Бертелс, Эдуард Браун, Ян Рипка, Саид Нафисӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Урватулло Тоиров, Абдушукури Абдусаттор, Бадриддин Мақсудов, Рустам Тағаймуродов, Низомӣ Мухриддин, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Мирзо Солеҳов ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ корбурд гардидаанд.

Дар диссертатсия тарзу усул ва шеваву равишҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, омӯзиши типологии жанрҳо, сохтори жанрии адабиётшиносӣ ва методи таҳлили системавию муназзам истифода шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи эҷоди бадеӣ ва бозтоби мазмунҳои ахлоқӣ, ирфонӣ ва сиёсию иҷтимоӣ дар шеър, навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи китобҳо перомуни масъалаҳои умдаи адабиёти классикии тоҷик, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони

хорицию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Саҳми фардии муаллиф дар ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва нақди маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Бобо Афзали Кошонӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми Афзалуддини Кошонӣ дар арсаи илму адаби форс-тоҷик бармало маълум мегардад.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи теъдод ва мундариҷаи осори мансури адиб, муайян сохтани арзиши адабӣ ва ҳунарии ашъори Бобо Афзал, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ - нафар, аз ҷумла - нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ - нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ
29.12.2022